ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Сайёҳӣ дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар замони соҳибистиқлолӣ ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида истодааст. Шоистаи зикр аст, ки дар татбиқи сиёсати ҳукумати кишвар дар бахши сайёҳӣ, баррасии вазъ ва ҳолати ин соҳа матбуоти даврӣ нақши назаррас дорад. Аз ин рӯ, интихоби ин мавзуъ барои таҳқиқ саривақтӣ буда, натиҷаҳои пажӯҳиши он дархӯри замон аст. Ҳамин ҷиҳат муҳиммияти мавзуи диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовнаро собит менамояд.

Иқдомоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ баёнгари он аст, ки ин соҳа ба ислоҳоти куллӣ ниёз дорад. Дар фароҳам овардани неруи таҳаввулпазирӣ барои ин соҳа ВАО, аз ҷумла матбуоти даврӣ нақши бориз гузошта метавонад. Ҳамчунин, ВАО барои ташаккули журналистикаи саёҳатӣ замина мегузорад. Ин ва дигар масъалаҳо ҳам, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, аз зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи мазкур шаҳодат медиҳанд.

Таваҷҷуҳи махсуси давлат ба соҳаи сайёҳӣ боис гардид, ки сайру саёҳат ва масъалаҳои рушди он дар контексти фаъолияти рӯзноманигорӣ мавқеи хоссаро касб кунад. Мавзуи сайёҳӣ ва масъалаҳои марбут ба он ба мавзуъҳои мубрами ВАО, аз ҷумла матбуоти даврӣ табдил ёфт. Бахусус, дар солҳои 2015-2020, ки давраи пажӯҳиши диссертантро ташкил медиҳад, эътибори нашрияҳои даврӣ ба ин соҳа зиёд шудааст.

Таҳқиқоти мавзуи мавриди назар бори дигар аз рисолати матбуоти даврӣ, муҳиммият ва зарурати нашрияҳои даврӣ дар ҷомеаи муосир ва раванди ҷаҳонишавӣ, нақши он дар шарҳу тавзеҳ, маънидод ва баррасии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла сайёҳӣ ва ташаккули афкори омма шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна мазмуни асосӣ ва мухтасари диссертатсияро бо назардошти омилҳои сохториву мундаричавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзуи таҳқиқ маълумоти аниқи илмӣ медиҳад. Дар баробари ин, дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида расид, ки ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

– дар муқаддима моҳияти он ки чаро маҳз маводи ҳамин нашрияҳо ба сифати сарчашмаи таҳқиқ интихоб шудаанд, шарҳ наёфтааст;

– ҳангоми зикри иқтибосҳо мавқеи диссертант чандон равшан ба назар нарасид.

Сарфи назар аз ин, автореферати диссертатсияи Абдуллоева Машҳура ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муқарриз
номзади илми филология,
сармуҳаррири Муассисаи давлатии
“Маҷаллаи “Илм ва ҳаёт” Хушдил Раҳимҷон
«21» ноябри соли 2022.

Суроғa: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Шерозӣ 16
Тел: (+992) 37 238-50-51, 93-489-26-56
E-mail: khushdil_09@list.ru

Имзои Хушдил Раҳимҷонро тасдиқ мекунам:
Масъули бахши кадрҳои Муассисаи
давлатии “Маҷаллаи “Илм ва ҳаёт” Мирзобедилова Н.А.
«21» ноябри соли 2022.

Суроғa: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Шерозӣ 16
Тел: (+992) 37 238-50-51, 501-25-13-67